«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э.С
____________________
__20__ __06__ ____________соли 2025

## НУСХА АЗ ПРОТОКОЛИ №09

ҷаласаи навбатии кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

аз 17.05.2025 ш. Душанбе

Раис: н.и.ҳ., дотсент Сулаймонзода М.С.
Котиб: Неъматова М.А.
**ИШТИРОК КАРДАНД:,** профессорон
Зоир Ҷ.М., Имомов А.И., Гадоев Б.С.,
Диноршоҳ А.М., д.и.ҳ Яқубзода С.Н.,
Соибов З.М.,дотсентон Ойев Х.О.,
Қодиров Ҷ.Ш., Салоҳидинова С.М.,
Саидзода И.Ҳ.,Наимов Б.Ғ., Раҳмон Д.С.,
Камолов Ш.Ҳ., Имомов Ҳ.Ш.,
Шерализода Ҷ.Ш., муаллимони калон
Абдулаҳадзода С.А., Муродзода У.У.

### РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳукуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ

Роҳбари илмӣ: Зоир Ҷ.М., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор - мудири Шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ.

Шунида шуд: Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар бораи сохтор, муҳиммият, рӯзмарагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионии худ маълумот дода, якчанд нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамудаи худро пешкаш намуда, асоснок кард:

1. Аввалин санади қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои гурезаҳо, ки ҳуқуқҳои умумии инсонро ҳифз мекунад, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар он ҳуқуқ ва озодиҳои инсон арзиши олӣ эътироф шудааст ва он давлатро вазифадор мекунад, ки ин арзишҳоро эътироф, риоя ва ҳифз намояд.

2. Санадҳои дигари ҳуқуқӣ дар бахши гурезагон ин Конвенсия дар бораи вазъи гурезагон аз соли 1951 ва Протоколи он аз соли 1967, ки соли 1993 аз ҷониби Тоҷикистон имзо ва тасдиқ шудааст, сарчашмаи кафолатҳои ҳуқуқи гурезаҳо дар Тоҷикистон ва дар дигар давлатҳои ҷаҳон мебошанд.

3. Барои танзими муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба муайян кардани вазъи ҳуқуқии гурезагон нақши асосиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезагон» дар бар мегирад. Қонуни мазкур мафҳуми васеъро дар бораи гуреза, ки ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мувофиқат мекунад, муқаррар менамояд; асос ва тартиби эътирофи паноҳҷӯён дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гурезаҳо, кафолатҳои ҳуқуқи гурезагон, мақомоти ваколатдор дар соҳаи гурезаҳо ва ғайра. Ҳамин тариқ, меъёрҳои қонуни ҷорӣ дар бораи гурезагон вазъи ҳуқуқии гурезаҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мекунанд. Бояд гуфт, ки санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дар боло зикргардида тамоми муносибатҳои марбут ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гурезагон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим мекунанд, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки

кишвари мо ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои худ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқу озодӣ гурезагон тадбирҳои ҷиддӣ андешида истодааст.

4. Имрӯз дар сатҳи давлатӣ мақомоте амал мекунад, ки бо масъалаҳои гурезаҳо машғул аст - ин шуъбаи шаҳрвандӣ ва кор бо гурезаҳои Хадамоти шиносномавию бақайдгирии **ВКД ҶТ** мебошад.

Ин мақомоти давлатӣ татбиқи сиёсати давлатиро дар ин самт амалӣ намуда, дар таъмини ҳуқуқи гурезаҳо, қабул ва баррасии ариза дар бораи гуреза донистани шахс, додани шаҳодатномаи гуреза ва ба таври инфиродӣ ҳалнамудани мушкилоти гурезагон, аз ҷумла, ба масъалаҳои манзил, таълими ноболиғон ва бо кор таъмин намудан мусоидат менамояд. Дар натиҷа, бо саъю кушиши якҷояги мамлакатҳо ва кӯмаки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба гурезаҳо ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ҷомеа имконият додан мумкин аст.

Ҳамчунин, Саиданварзода Қ. Ҷ. қайд карданд, ки ҳамаи эроду тавсияҳо ва пешниҳодҳои манзургардидаро ба инобат гирифта, дар муҳлати муайянгардида ислоҳ ва иҷро намуда, доир ба ин маълумотнома пешниҳод кардааст.

Доир ба аҳаммияти кор унвонҷӯ Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек пурра гузориш дод. Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби Қодиров Ҷ.Ш. Камолов Ш.Ҳ. ва Имомов Ҳ.Ш. ба диссертант саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан, роҳбари илмии ӯ профессор Зоир Ҷ.М. баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ-омӯзгории Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд. Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 6D.KOA-019 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз

рӯйи ихтисоси 12.00.02 тавсия дода мешавад. Дар охир, аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, д.и.ҳ., профессор Гадоев Б.С. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд. Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар аз ҷумла, дотсентон, Қодиров Ҷ.Ш.,Камолов Ш.Ҳ., Раҳмон  Д.С. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиноси Имомов Ҳ.Ш баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқикро қайд карда, саҳми довталабро дар таҳқику баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд. Қайд карда шуд, ки Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек муҳаққиқи ҷавони пурмасъул буда, муаллифи 26 мақолаҳои илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилимуассисавӣ мебошад. Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳоое, ки дар амалӣ намудани пешниходҳо ва тавсияҳои марбут ба «расмиёти муайянкунии мақоми гуреза» мусоидат менамоянд. Унвонҷӯ Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ;

мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба талаботи бандҳои 31, 35 ва 37-и Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 30-юми июни соли 2021 тахти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад ва саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад.

2. Диссертатсияи Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати ҳимоя намудан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02–Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (илмҳои хуқуқшиносӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-H назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Точикистон санаи 17.05.2025, №09 қабул гардидааст: Иштирок доштанд: ҳамагӣ:-19 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 19 нафар, “зид” -нест, “бетараф”-нест.

**Раисикунанда,**
мудири кафедраи хуқуқи конститутсионӣ
ва маъмурӣ факултети ҳуқуқшиносии
ДМТ, н.и.ҳ. дотсент — Сулаймонзода М.С.
Котиби ҷаласа — Неъматова М.А.

Имзои Сулаймонзода М.С. ва Неъматова М. –ро
тасдиқ мекунад:
Сардори РК ва КМ ДМТ — Тавқиев Э.Ш
19.05.2025